**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

УДК: 311 (575.3)
ББК: 65.051
А-93

**АШУРОВ ФИРӮЗ МАҲМАДАЛИЕВИЧ**

# ТАҲҚИҚОТИ ОМОРИИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛИИ ДЕҲОТ
**(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**Ихтисос:** 6D051200-Омор

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии доктори фалсафа (PhD)
доктор аз рӯи ихтисос

**ДУШАНБЕ–2020**

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардидааст

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт,**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
**Амонова Дилбар Субҳоновна**
профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
**Солиев Назар Норович**
сардори бахши таҳқиқоти илмии "Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ"-и Бонки миллии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи 06-июли соли 2020, соати $9^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии **6D.КОА-055** дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ, 35.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмии донишгоҳ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» «_______» соли 2020 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзохонов С.О.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти неруи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст. Ин аз мо тақозо менамояд, ки ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва тақвияти иқтидори истеҳсолии мамлакат диққати аввалиндараҷа диҳем»[1].

Муҳимияти ин масъаларо ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуд, ки ин ҳолат ба сатҳи зиндагии бештар аз 73-фоизи аҳолии кишвар, ки дар деҳот истиқомат мекунад, бетаъсир намемонад. Ҳамзамон, барои рушди деҳот ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, як сол басанда нест, зеро бунёди инфрасохтори сайёҳӣ ва омода намудани даҳҳо ва садҳо ҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва ҷойҳои нави корӣ, як василаи дигаре мебошад, ки таъсири мусбии худро ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, бахусус, дар деҳот мерасонад. Ҳамзамон, дар деҳот аҳолии қувваи коридошта зиёд буда, имконияти ҷалби онҳо дар истеҳсолот камтар аст, ки ин ҳолат ба сатҳи зиндагии онҳо бетаъсир намемонад. Аз ин нуктаи назар омӯзиш ва таҳқиқи илмии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мавзӯи муҳим ҳисобида шуда, мубрамияти онро дучанд мегардонад. Дигар ҷиҳати муҳими масъала аз он иборат аст, ки рушд ва тараққиёти соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, тақвияти ҳамкориҳо бо дигар созмон ва ташкилотҳои байналмилалӣ, зарурати омӯзиш, таҳлил ва баҳогузории омории сатҳи зиндагии аҳолиро тақозо менамояд, зеро бо ин васила баҳои сифатии ҳолати иҷтимоии ҷамъият дода мешавад. Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, боло бурдани нақши соҳаи илму маориф ва фарҳангро таъмин намуда, дар ҷамъият ба болоравии нақши сармояи инсонӣ мусоидат менамояд. Ин ҳолат бевосита ба рушди шаҳру деҳот, ҳудудҳои алоҳида ва тамоми мамлакат таъсир расонида, то андозае ба беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ мусоидат менамояд. Ин тамоюл дар навбати худ аз сари нав дида баромадани қонунияти тағйирёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ, бахусус, аҳолии деҳотро, ки аксариятро ташкил додааст, талаб мекунад. Ҳамчунин, мавзӯи таҳқиқот аҳамияти калони амалӣ низ дорад. Аҳамияти амалии он пеш аз ҳама зарурати қонеъгардонии талабот ҷиҳати беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ ва таъмини ҳаматарафа бо даромади муайян мебошад. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки самаранокии сиёсати иҷтимоӣ, бахусус, дар деҳот, ба манфиати гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографии мушаххас равона гардида, сатҳ ва

---

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабр Душанбе-2018 http://www.president.tj. сана 13. 03 2019.

сифати зиндагии онҳо пурра баҳо дода шавад. Барои омӯзиш ва таҳлили омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳим гузаронидани таҳқиқот ва ба даст овардани маълумотҳои ибтидоӣ мебошад.

Бо назардошти ба вуҷуд омадани пешравиҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ солҳои охир тафовут ва дигаргуниҳои зиёде ба амал омада, ҳалли муаммоҳои баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро мушкил мегардонад. Дар ҳудуди деҳот, айни замон, функсияҳои истеҳсолӣ, захирағунҷоишӣ, истеъмолӣ, тақсимотӣ, фароғатӣ ва муоширати иҷро гардида, истиқоматкунандагони деҳот ба дастгирӣ ва кӯмакҳои бештар ниёз доранд. Сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар муқоиса бо аҳолии шаҳр нисбатан пасттар мебошад. Аз ин лиҳоз, даромади ҳақиқии аҳолии деҳотро бо истифода аз дигар имконият ва захираҳои мавҷуда, махсусан, замини наздиҳавлигӣ, ё дигар сармоя ва имкониятҳое, ки доранд, зиёд намуда, сатҳи зиндагии онҳоро ба сатҳи зиндагии аҳолии шаҳр мувофиқ намудан лозим аст. Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, яке аз мақсадҳои асосии Стратегияи миллии рушд-2030, барномаи давлатии рушди хоҷагии қишлоқ ва батанзимдарории бозорҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, озуқаворӣ мебошад. Роҳҳои ҳалли муаммои номбаршуда дар барномаҳои гуногуни давлатӣ ва фармонҳои хеле возеҳ дарҷ гардидаанд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло муҳимияти мавзӯи таҳқиқотиро баён намуда, дақиққунонии онро дар бар гирифтааст, ки омӯзиши иловагиро талаб менамояд.

**Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ.** Масъалаҳои гуногун ва паҳлуҳои алоҳидаи сатҳи зиндагии аҳолӣ дар давраи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ диққати олимони зиёдеро ба худ ҷалб намуда буд. Ба таҳқиқоти сатҳи зиндагии аҳолӣ асарҳои иқтисоддонҳои намоён, ба монанди: А.Г. Аганбегян, П.И. Буздалов, И.Н. Бузляков, В.Ф. Майер, П.Я. Октябрьский, А.А. Подузов, В.Я. Райцин, Н.М. Римаптевская, А А. Сжрадов, А.Н. Чернишов, Л.А. Беляева, И.В. Бистужев-Лада, Г.В. Калинина, Н.С. Маликов, ва дигарон бахшида шудаанд.

Ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии таҳқиқоти омории сатҳи зиндагӣ, даромад ва хароҷоти аҳолӣ дар асарҳои олимони барҷаста ба монанди: И.И. Елисеева, В.М. Жеребина, Е. Кузнецова, В.Ф. Майер, Д.А. Мостовов, Л.И. Ниворожкин, С.В. Новоселова, Б.М. Райзберг, Л.С. Ржанитсин, Н.А Римашевской, А.Н. Романова, В.М. Рутгайзер, П. Савченко, А.Е. Суринова, В.С. Тапилина, М.Г. Фролова ва дигарон баррасӣ гардидаанд. Ба масъалаи ташаккулёбии омори минтақавӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таҳқиқоти олимони рус ба монанди Т.А. Агапов, Е.В. Горшеин, А.А. Кисельников, Н.Н. Михеева, Е.В. Поклонова, А.С. Ревайкин, Б.Т. Рябушкин, В.М. Рябцев, Л.П. Харченко, Т.В. Чернова, Г.И. Чудилин, В.Б. Шмелев бахшида шудааст. Андешаҳо оид ба татбиқи усулҳои бисёрченакаи оморӣ, дар асарҳои олимони барҷаста ба монанди С.А. Айвазян, В.А. Балаш, А.Я. Кирут, В.С. Мхитарян, Н.В. Шаланова, А.Ю. Шевякова ва дигарон хеле хуб дарҷ гардидаанд. Ҳамзамон, дар масъалаи таҳқиқи омории иқтисодии деҳот, саҳми олимони иқтисодчӣ, ба монанди: А.Р. Бернвальд, С.Е. Бисенгалиева, Е.В. Исаенко, З.А. Капелюк, И.В. Курцев, А.В. Мороз, Л.П. Наговицин, П.М. Першукевич, ва дигарон хеле саҳми назаррас доранд.

Вобаста ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва беҳтар намудани ҳолати некуаҳволии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон олимон Ҳ.Н. Фақеров, Н.

Нурмаҳмадов, Д.Б. Қодиров, У.Р. Улмасов, К.М. Кабутов, Д.Ш. Дӯстбоев, Р.К. Раҳимов, С.Ҷ. Комилов, Ҳ. Умаров, А.А. Мирзоалиев, Т. Низомова корҳои илмӣ анҷом додаанд. Вобаста ба хусусиятҳои миллӣ, аз тарафи муҳаққиқони тоҷик муамоҳои омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот таҳқиқ карда нашудааст. Ёдовар мешавем, ки баъзе масъалаҳои омории сатҳи зиндагии аҳолӣ аз тарафи муҳақиқон Д.С. Амонова, Қ.Х. Барфиев, С.С. Мирзоев, А.Ҷ. Ҳайдаров, Ф.М. Аҳмадов, М.А. Одинаев ва дигарҳо қисман омӯхта шудаанд.

Аммо қайд намудан зарур аст, ки бисёре аз ин муҳаққиқони соҳаи омор сатҳи зиндагии тамоми аҳолии мамлакат ё минтақаро омӯхта, аз рӯи мақоми аҳолии шаҳр ва ё деҳот, алоҳида онро ҷудо карда наомӯхтаанд. Аён аст, ки муносибат ба идоракунӣ ва баландбардории сатҳи зиндагӣ барои аҳолии шаҳр ва деҳот хусусиятҳои худро доранд. Ба андешаи мо ин ҳолат барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ–иқтисодии самаранок дар деҳот имконият дода, то дараҷае муҳимияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро боло мебарад.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ** иборат аз иттилооти оморие мебошад, ки ба ҳолати некуаҳволӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд ва онҳо аз мазмуну муҳтавои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои солонаи Президенти кишвар, ки ба ин масъала бахшида шудаанд, барномаҳо ва Стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳқиқоти буҷаи хонавода, маълумоти омории маҷмӯаҳо, барӯйхатгирии аҳолӣ ва дигар нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маълумотҳои таҳлилии СММ, Кумитаи омори байнидавлатии ИДМ, ҳисоботҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Созмони ҷаҳонии меҳнат, маводи чопӣ ва электронии ВАО ва дигар маълумотҳои муаллиф, маводи илмии конфронсҳо ва ғайра бармеоянд.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Ҳадафи таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва такмили методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Объекти таҳқиқот.** Сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Мавзӯи таҳқиқот.** Қонуниятҳои тағйирёбии миқдории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бо назардошти хусусиятҳои сифатии он дар шароити муосир.

**Масъалаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда дар диссертатсия, масъалаҳои зерин ҳалли худро ёфтаанд:

1. Дар асоси банизомдарории консепсия ва назарияҳои гуногуни илмӣ, ошкор намудани мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолӣ, бо назардошти хусусиятҳои методологии таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот;
2. Муайян намудани назарияҳои мавҷудаи консептуалӣ оид ба идоракунии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, бо назардошти омилҳои ба он таъсиррасон;
3. Аз рӯи натиҷаи таҳлили назариявӣ ва амалияи оморӣ муайян намудани алоқамандии омилҳои ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот таъсиррасон ва дар ин асос пешниҳод намудани низоми нишондиҳандаҳои маҷмӯии

баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, бо назардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ;

4. Коркарди методологияи омории арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва ошкор намудани тафриқа (дифференсиатсия) байни даромад ва хароҷоти хонаводаҳо дар сатҳи деҳот вобаста ба истифодабарии усулҳои оморие, ки дар таҳқиқ ва арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот истифода гардидаанд ва тасвири графикии он;

5. Муайян намудани тамоюлҳои муосири тағйирёбии ҳолати демографӣ, бо назардошти сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, таҳқиқи алоқамандии сохтори хароҷоти аҳолӣ дар сатҳи деҳот ва ошкор намудани сабабҳои асосии беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ;

6. Коркарди модели консептуалии иқтисодӣ-риёзӣ, таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, ҳамчун асоси институтсионалии баланд бардории он;

7. Такмили методикаи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои муқоисашавандаи тағйирёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бо истифодаи усули индексӣ.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия ба мақсади таҳлили таҳқиқоти комплексии усулҳои умуми илмӣ ва оморӣ, усули ҷамъбаст ва гурӯҳбандӣ, низоми нишондиҳандаҳои вариатсионӣ, усули таҳлили индексӣ, нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ, каҷхатта, коэффитсиенти Ҷинӣ ва Лоренс, усулҳои таҳлили регрессионӣ ва коррелятсионӣ, усули компонентҳои асосӣ, банизомдарории ҷадвалӣ, усулҳои графикӣ истифода бурда шудааст.

**Соҳаи таҳқиқот.** Диссертатсия аз рӯи бандҳои зерини шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси **6D051200-Омор** иҷро карда шудааст: 1.2. Назарияҳо ва усулҳои асосии оморӣ; 1.7. Усулҳои истифодаи системаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномаҳои муосири коркарди маълумотҳо дар соҳаи омор; 1.9. Усулҳои ченаки оморӣ ва мушоҳидаи ҳодисаҳои иқтисодию–иҷтимоӣ, коркарди маълумотҳои оморӣ, арзёбии сифати маълумот оид ба ҳодисаҳо, ташкили фаъолияти оморӣ; 1.10. Усулҳои ташаккули нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, дар маҷмӯъ, сохтани ҷадвалҳои демографӣ, нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳолати муҳити зист; 1.11. Усулҳои коркарди ахбори оморӣ: таснифот ва гурӯҳбандӣ, усулҳои таҳлили зуҳуроти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва равандҳо, моделсозии оморӣ, таҳқиқоти конюктураи иқтисодӣ, фаъолияти корӣ, ошкоркунии трендҳо ва давраҳо, ояндабинии тараққиёти зуҳурот ва чараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

**Марҳалаҳои таҳқиқот**. Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2016-2020-ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва омӯзишии таҳқиқот.** Корҳои илмӣ таҳқиқотӣ дар назди кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити факултети иқтисодиёт ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон гузаронида шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар

асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравaнд:**

1. Мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардида, шарҳи муаллифии мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолии деҳот пешниҳод гардидааст;
2. Усулҳои гуногуни идоракунии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, бо назардошти назарияҳои мавҷудаи консептуалӣ омӯхта шуда, бо истифодабарӣ аз методологияи таҳлили оморӣ, омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот муайян гардида, дараҷаи таъсири онҳо ошкор карда шуд;
3. Дар натиҷаи гузаронидани таҳлил омилҳои асосие, ки ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот таъсир мерасонанд, низоми нишондиҳандаҳои маҷмӯии баҳодиҳии сатҳи зиндагӣ, бо назардошти хусусиятҳои хоси аҳолии деҳот, пешниҳод гардиданд;
4. Методологияи омории арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот коркард карда шуда, дар заминаи он тафриқа аз рӯи даромад ва хароҷот миёни табақаҳои гуногуни аҳолии деҳот, муайян шуда, нишондиҳандаи миёнаи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот пешниҳод гардидааст;
5. Тамоюли муосири тағйирёбии ҳолати демографӣ дар деҳот таҳқиқ гардида, дараҷаи таъсири он ба сатҳи зиндагӣ муайян ва ошкор карда шуд, ки яке аз сабабҳои беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот, маҳз танзими равандҳои демографӣ мебошад;
6. Модели иқтисодӣ-риёзи таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолӣ коркард карда шуда, модели оптималӣ ва муносиб барои аҳолии деҳот пешниҳод гардид, ки ҳамчун заминаи асосии баланд бардоштани сатҳи он мусоидат менамояд. Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот низоми нишондиҳандаҳои таъсиррасон муайян карда шуда, дараҷаи таъсири онҳо ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, муқаррар гардид;
7. Усули индексии таҳлили омории аҳолии деҳот, бо дарназардошти хусусиятҳои хосси иқтисодиёти миллӣ татбиқ гардида, ҳаҷми истеъмоли мол ва хизматрасонӣ, бо назардошти тағйирёбии шумораи аҳолии деҳот, муайян карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалӣ илман асоскардашуда оид ба муаммоҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ, бахусус, аҳолии деҳот, нобаробарии иҷтимоӣ, тафриқаи иҷтимоӣ, фарқияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар сатҳи зиндагии онҳоро, фаро гирифтааст. Методологияи омории ҳисоби ин нишондиҳандаҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ин самт татбиқшаванда, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо дар таҳқиқи назариявии масъала истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** иборат аз таҳияи назариявию методологии раванди баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бо мақсади арзёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, инчунин

дар мактабҳои олӣ, ҳангоми омӯзиши курси «Омори аҳолӣ», «Омори иҷтимоӣ» истифода шуда метавонад.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- Ошкор карда шуд, ки мафҳуми сатҳи зинадгии аҳолии деҳот гуногуншакл ва мунтазам тағйирёбанда буда, шарҳи муаллиф доир ба ин мафҳум пешниҳод гардид;
- Низоми нишондиҳандаҳои интегралии идоракунии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, бо назардошти омилҳои таъсиррасон, таҳия ва пешниҳод гардид;
- Исбот гардид, ки дараҷаи таъсири нишондиҳандаҳо ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот гуногун аст, бинобар ин, нишондиҳандаҳои асосӣ, гурӯҳбандӣ гардиданд;
- Муайян гардид, ки тафриқа дар байни табақаҳои гуногуни аҳолии деҳот ҷойдошта аз нишондиҳандаи миёнаи сатҳи даромадгирӣ фарқ менамояд;
- Ҳолати тағйирёбии равандҳои демографӣ дар деҳот таҳқиқ гардид, муайян гардид, ки яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ва сабаби беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, равандҳои демографӣ ҳисобида мешавад;
- Моделҳои гуногуни оморию-риёзии оптималӣ ва муносиби арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, асоснок ва пешниҳод карда шуд;
- Исбот карда шуд, ки бо назардошти хусусиятҳои хосси сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, арзёбии оморӣ бо воситаи усули таҳлили индексӣ натиҷаи беҳтар медиҳад.

**Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии муаллиф аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба арзёбӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот иборат аст, ки усулҳои омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, коркард, таҳлил ва пешниҳоди хулосаҳоро аз натиҷаи таҳқиқоти оморӣ дар бар гирифтааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти муаллиф, солҳои 2016-2020, дар маводи конфренсияҳои илмию амалии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон рӯи чоп омадаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Доир ба мавзӯи таҳқиқоти дисссертатсионӣ 10 мақола чоп гардидааст, ки аз ин 3,03. ҷ.ч. (2.01. ҷ.ч. аз муаллиф) буда, аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, ки аз 156 номгӯй иборат мебошад. Рисолаи илмӣ аз 156 саҳифаи матни чопӣ иборат буда, 11 диаграмма, 5 расм, 35 ҷадвал ва 15 формуларо низ дарбар мегирад.

## Қисмҳои асосии таҳқиқот

**Дар муқаддима мубрамияти** мавзӯи диссертатсионӣ исбот гардида, дараҷаи коркарди масъала баён гардидааст. Мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии он дарҷ гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия-** «Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот», ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дарҷ гардидаанд. Инчунин, низоми нишондиҳандаҳои омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва усулҳои муайяни омории баҳодиҳии онҳо пешниҳод карда шудаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия–** «Таҳқиқи омории даромадҳои пулӣ яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот**»,** арзёбии омории даромадҳои пулии аҳолии деҳот дида баромада шуда, усулҳои омории ченкунонии даромадҳои пулии аҳолии деҳот ва нишондиҳандаҳои интегралии сатҳи зиндагӣ ва қашшоқии аҳолии деҳот, ки яке аз масъалаҳои баҳсталаб мебошад, баррасӣ гардидаанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия–** «Моделсозии иқтисодӣ–омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот» ҳамчунин, татбиқи моделҳои иқтисодӣ–оморӣ дар пешгӯии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва татбиқи амалии онҳо баён карда шуда, таҳлили омилии нишондиҳандаҳои натиҷавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳқиқи омории нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои омори расмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо пешниҳод гардидаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигардида, оварда шудаанд.

Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, яке аз самти асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат буда, ҳалли ин масъала бештар аз самт ва суръати дигаргуншавии сиёсӣ ва иқтисодии ҷамъият вобаста аст. Солҳои охир масъалаи боло бурдани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, на танҳо объекти омӯзишу таҳқиқи коршиносони иқтисодӣ қарор гирифтааст, балки давлат ва ташкилотҳои байналмилалӣ низ ба омӯзиши ин масъала таваҷҷуҳи бештар медиҳанд. Бинобар ин, муҳим, бамаврид ва рӯзмарра будани масъалаи зикргардида бори дигар шаҳодати он аст, ки аксарияти аҳолии кишвар дар деҳот истиқомат менамояд ва сатҳи зиндагии онҳоро пурра таҳқиқ намудан, аз манфиат холӣ нест. Ҳамчунин, доираи омӯзиши омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ниҳоят васеъ, гуногунпаҳлу ва мураккаб буда, бо фарогирии як нишондиҳанда ё ҳалли як масъала, ғайриимкон аст. Муҳимияти дигари ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардида метавон гуфт, ки ба ободии маҳалҳо, хусусан деҳоти дурдаст диққати зарурӣ дода мешавад ва ин иқдом боис мегардад, ки дар зарфи се соли оянда бо ободу зебо шудани маҳаллу деҳоти кишвар ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот, таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад.

Дар адабиёти оморӣ-иқтисодӣ ин мафҳум вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо тарзҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода мешавад, лекин ба ақидаи муаллиф, бо назардошти ғояи мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ва консепсияҳои мавҷуда аз назари омор сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, ин маҷмӯи категорияҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошад, ки дараҷаи қонеъгардонии талаботҳои моддию маънавӣ ва иҷтимоии шахсонеро, ки дар деҳот истиқомат мекунанд, дар бар гирифтааст.

Албатта таҳқиқи омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бе омӯзиш ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои гуногун ғайриимкон аст, лекин масъалаи аз ҳама муҳим ин босуръат афзоиши шумораи аҳолии деҳот ва ҳиссаи он дар шумораи умумии аҳолии давлат мебошад, ки мувофиқан масъалаҳои зиёди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳалталаб, низ ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин барои таҳқиқи омории ин масъала ҳолат ва тамоюли зиёдшавии аҳолии деҳотро дар ҷадвали 1 дида мебароем.

**Ҷадвали 1.- Динамикаи афзоиши шумораи аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | соли 2018 нисбат ба соли 2012 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии деҳот (наф.) | 5880,9 | 5990,2 | 6136,5 | 6290,9 | 6442,3 | 6577,0 | 6729,8 | 14,4 |
| Бо % дар шумораи умумии аҳолӣ | 73,6 | 73,4 | 73,5 | 73,6 | 73,7 | 73,6 | 73.7 | 0,1 б.ф. |
| Суръати афзоиши аҳолии деҳот | - | 1,01 | 1,02 | 1,03 | 1,02 | 1,02 | 1,02 | - |

**Сарчашма:** Муаллиф ҷадвалро аз рӯи маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе,-2019 тартиб додааст.

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 1. дарҷгардида маълум гардид дар соли 2018 нисбат ба соли 2012 шумораи аҳолии деҳот 14,4% афзӯда, ҳиссаи аҳолии деҳот дар шумораи умумии аҳолӣ қариб бетағйир мондааст, лекин суръати миёнасолонаи афзоиши аҳоли 1,02% буда, ба ҳисоби миёна, шумораи аҳолии деҳот ҳар сол 2-2,3% зиёд гардида истодааст. Ба ҳолати 01. 01. 2019 шумораи умумии аҳолии деҳот 6741,7 ҳазор нафарро ташкил намудааст. Аз ин шумора 2393,1 ҳазор нафар, ё 35,5%-ро аҳолии хурд, аз қобили меҳнат ва 3970,8 ҳазор нафар, ё 58,9%-ро аҳолии қобили меҳнат ва 377,8 ҳазор нафар, ё 5,6%-ро аҳолии аз синну соли қобили меҳнат калонтарро дар бар гирифтааст. Дар шумораи умумии аҳолии деҳот, ҳиссаи ҷавонони синни 14-30 сола 31,1% ё 2093,9 ҳазор нафарро ташкил намуда, дар муқоиса бо соли 2012, ки ҳиссаи ҷавонон 34,4%-ро ташкил мекард, ин нишондиҳанда дар давраи таҳлилшаванда 3,3 б.ф коҳиш ёфтааст. Тамоюл ё ҳолати босуръати афзоиши шумораи аҳолии деҳотро ба шакли диаграмма ифода кардан мумкин аст.




**Диаграммаи 1.** Шумораи аҳолии деҳот.

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф, дар асоси маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019.

Тибқи маълумотҳои дар диаграмма дарҷгардида, шумораи мутлақи аҳолии деҳот, ба ҳисоби миёна ҳар сол 143,7 ҳазор нафар зиёд гардида истодааст. Ҳамзамон, коэффитсиенти детерминатсия ба 0,99 баробар гардида, маънои онро дорад, ки алоқамандии байни нишондиҳандаи шумораи умумии аҳолии деҳот вобаста ба вақт хеле зич ва росхатта буда, дар шакли мутлақ, ин шумора мунтазам афзуда истодааст.

Қайд кардан бамаврид аст, тамоюли зиёд гардидани шумораи аҳолии деҳот ба он оварда мерасонад, ки шумораи деҳаҳо низ босуръат зиёд шаванд. Тибқи маълумотҳои дар китоби «Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардида, шумораи деҳаҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ 4223 адад нишон дода шудааст, ки мувофиқи ин феҳрист номи 753 деҳа (17,8%) иваз гардидааст. Аз рӯи маълумотҳои омори расмӣ, шумораи деҳаҳо дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 01.01.2018, 4099 ададро ташкил додааст (нисбати маълумотҳои қаблӣ 124 адад кам), ки аз ин шумора 3641 деҳа расман тасдиқ гардида, 458 деҳа қарор надоранд, аз он ҷумла 167 деҳаи хурд.

Масъалаи дигари ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот алоқаманд, ин дурнамоӣ ва тамоюли тағйирёбии минбаъдаи шумораи аҳолии деҳот мебошад. Бо дарназардошти маълумотҳои натиҷаи пешгӯиҳо, масъалаҳои зиёди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ, демографӣ ва сиёсии ба сатҳи зиндагии аҳолӣ вобаста ҳалли худро меёбанд. Бинобар ин дар таҳқиқи оморӣ, усулҳои мухталифи дурнамоӣ, ба монанди усули экстраполятсия, усули тамоюли хаттӣ, усули функсияи хаттӣ барои пешгӯи татбиқ мегардад, ки натиҷаҳои ин пешгӯиҳо ба якдигар наздик аст.

**Ҷадвали 2.- Дурнамоӣ тағйирёбии шумораи аҳолии деҳот бо усулҳои гуногуни оморӣ**

| Солҳо | Шумораи аҳолии деҳот | Усули экстраполятсия | Усули тамоюли хаттӣ | Усули функсия хаттӣ |
|---|---|---|---|---|
| 2012 | 5880,9 | | | |
| 2013 | 5990,2 | | | |
| 2014 | 6136,5 | | | |
| 2015 | 6290,9 | | | |
| 2016 | 6442,3 | | | |
| 2017 | 6577,0 | | | |
| 2018 | 6729,8 | | | |
| 2019 | 6867,7 | | | |
| 2020 | | 7025,95 | 7011,46 | 6873,6 |
| 2021 | | 7171,65 | 7155,25 | - |
| 2022 | | 7308,27 | 7299,04 | - |
| 2023 | | 7445,53 | 7442,83 | 7448,7 |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф, дар асоси нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, Душанбе – 2019 тартиб дода шудааст.

Аз рӯи маълумотҳои пешгӯи дар давоми 5-соли охир шумораи аҳолии деҳот дар ҷумҳурӣ, ҳолати босуръат зиёдшавӣ дорад. Масалан, бо усули экстраполятсия соли 2023 шумораи аҳолии деҳот, то 7445,5 ҳазор нафар, бо усули тамоюли хаттӣ, то 7442,8 ҳазор нафар, лекин бо усули функсияи хаттӣ, то 7448,7 ҳазор нафар меафзояд. Яъне тағйирёбии мутлақи шумораи аҳолии деҳот,

соли 2023 нисбат ба соли 2018 715,4 ҳазор нафар, ё 8,4% зиёд буда, ба ҳисоби миёна ҳар сол шумораи аҳолӣ 143,7 ҳазор нафар меафзояд. Бинобар ин то 7448,7 ҳазор нафар афзӯдани шумораи аҳолии деҳот, дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобаста ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро ба миён меорад, ки ҳалли онҳо ба сиёсати иҷтимоии давлат ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ, алоқамандии бевосита дорад. Дурнамои тағйирёбии шумораи аҳолии деҳот, ки бо усулҳои гуногун ба даст оварда мешавад дар шакли нақшавӣ дарҷ намудан мумкин аст. Дурнамои тағйирёбии шумораи умумии аҳолии деҳотро 4-соли минбаъда дар шакли диаграмма пешниҳод менамоем.




**Диаграммаи 2.** Дурнамои тағйирёбии шумораи аҳолии деҳот.

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф, дар асоси нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, Душанбе – 2019 тартиб дода шудааст.

Айни ҳол ба масъалаи таъсиси ҳар чӣ бештари ҷойҳои корӣ дар деҳот, рушди соҳибкории хурду миёна, ривоҷу равнақи ҳунарҳои мардумӣ ва шуғли хонагӣ, бо назардошти маълумотҳои натиҷаи дурнамоӣ диққати асосӣ дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳқиқоти интихобӣ иттилооти зарурӣ оид ба тақсимоти ҳудудии аҳолӣ дар деҳоти кишвар, оид ба категорияи хоҷагиҳои омӯхташаванда, аз рӯи шумораи аъзоёни хонавода, аз рӯи бузургии маҷмӯи даромад, ба ҳар сари аҳолӣ дар деҳот, мавҷудияти фарзандон ва дигар нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад. Бо назардошти ин гуфтаҳо даромади пулии аҳолӣ дар деҳот, яке аз нишондиҳандаҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи зиндагӣ ҳисобида мешавад, ки мавриди таҳқиқи оморӣ қарор мегирад. Даромадҳои пулии аҳолии деҳот, музди меҳнати пардохтшудаи коргарони кироя, нафақа, ёрдампулиҳо, идрорпулӣ, дигар трансфертҳои иҷтимоӣ, даромад аз моликият дар намуди фоиз ва ғайраро дарбар мегирад.

Ҷамъи даромадҳои пулии аҳолии деҳот дар давраи таҳқиқгардида дар маҷмӯъ 1,8 баробар афзӯдааст ва дар сохтори ин даромадҳо тағйиротҳои зиёд ба вуҷуд омадааст. Ба ғайр аз кӯмакпулӣ, дигар пардохтҳо ва даромади хоҷагии ёрирасон, ки соли 2018 дар муқоиса бо соли 2011 кам гардидааст, лекин дигар манбаҳои даромади аҳолии деҳот тамоюли афзоишёбӣ доранд. Маълумот оид ба таркиби даромади умумии хонаводаҳои аҳолии деҳот, дар ҷадвали 3.оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.- Таркиби даромади хонаводаҳои деҳот ба ҳисоби миёна ба як узви хонавода дар як моҳ, (сомонӣ)**

| Нишондиҳанда | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Соли 2018 нисбат ба соли 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи даромад, аз он ҷумла: | 219,87 | 255,79 | 289,77 | 308,74 | 280,67 | 343,75 | 361,16 | 399,35 | 1,8 мар. |
| 1.даромадҳои меҳнатӣ | 75,04 | 88,29 | 103,20 | 115,92 | 122,10 | 132,17 | 142,78 | 161,65 | 2,1 мар. |
| 2.траснфертҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла; | 9,26 | 11,55 | 15,44 | 20,93 | 22,41 | 21,8 | 24,4 | 25,51 | 2,7 мар. |
| Нафақа | 8,76 | 11,09 | 14,82 | 18,29 | 18,66 | 20,96 | 23,83 | 24,98 | 2,8 мар. |
| кӯмакпулӣ ва дигар пардохтҳо | 0,50 | 0,46 | 0,62 | 0,54 | 0,77 | 5,02 | 3,01 | 0,02 | 4% |
| 3. даромад аз хоҷагии ёрирасон | 61,18 | 67,94 | 73,38 | 46,85 | 20,85 | 58,82 | 26,67 | 30,12 | 49,2% |
| 4.даромад аз фурӯши амволи ғайриманқул | 0,05 | 0,45 | 0,83 | 0,20 | 0,08 | 0,21 | 0,47 | 0,11 | 2,2 |
| 5.даромад аз моликият | 0,05 | 0,21 | 0,08 | 0,16 | 0,22 | 0,22 | 0,28 | 0,23 | 4,6 |
| 6.дигар мадохилот | 74,29 | 87,35 | 96,84 | 98,16 | 81,26 | 96,03 | 126,88 | 181,71 | 2,4 |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф, дар асоси нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, Душанбе–2019 тартиб дода шудааст.

Аз ҷадвали 3. аён гардид, ки даромади умумии хонаводаҳо дар деҳот, соли 2018 нисбат ба соли 2011 81,6% ва нисбат ба соли 2012 56,1% зиёд шудааст. Аммо аз рӯи баъзе манбаъҳои даромадгирӣ, ки қисми таркибии даромадҳо мебошанд, даромад баръакс кам шудааст. Масалан, даромад аз хоҷагии ёрирасон, соли 2018 нисбат ба соли 2011, 49,2% ва кумакпулию дигар пародохтҳо ҳамагӣ 4% соли 2011 ташкил намудаанд. Дар соли 2018 нисбат ба соли 2011 даромади меҳнатӣ 2,1 маротиба зиёд гардида, трансфертҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла нафақа 2,8 маротиба афзудаанд. Даромад аз фурӯши амволи ғайриманқул ва даромад аз хоҷагиҳои ёрирасонии шахсӣ дар деҳот тамоюли аз ҳама бештар зиёдшавӣ дошта, аз 2,2 то 4,6 маротиба афзӯдаанд.

Дар соли 2018 агар даромади умумӣ ба як узви хонавода дар сатҳи ҷумҳурӣ ба 409,78 сомонӣ баробар бошад, дар хонаводаи маҳалҳои шаҳрӣ ин нишондиҳанда ба 430,52 сомонӣ ва хонаводаи маҳалҳои деҳот, ба 399,35 сомонӣ баробар буд, ки аз нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳурӣ 2,5% ё 10,4 сомонӣ камтар мебошад. Дар муқоиса бо сатҳи даромади хонаводаҳои деҳот, соли 2011, ки ҳамагӣ 219,87 сомониро ташкил медод, агар таҳлил карда бароем, сатҳи даромади аҳолии деҳот 179,5 сомонӣ, ба ҳисоби миёна ба як узви хонавода 81,6% зиёд гардидааст. Афзӯдани ҷамъи даромадҳо ба ҳисоби миёна ба як нафар узви хонавода дар деҳот, бевосита ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии онҳо оварда мерасонад.

Айни замон таҷрибаи байналмилалии арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолиро бо чунин тарзҳо гузаронидан мумкин аст:

1. Баҳодиҳӣ бо ёрии низоми нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ.

2. Баҳодиҳӣ ба воситаи индекси ҷамъбастии сатҳи зиндагӣ, ки дар асоси нишондиҳанда, алоҳида ҳисоб карда мешавад.

Татбиқи ин нишондиҳандаҳо дар таҳқиқи илмии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, аз он ҷиҳат муҳим дониста мешаванд, ки тавассути онҳо баҳои умумии сатҳи зиндагӣ дода шуда, ҳамаи ҷанбаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ фаро гирифта мешавад. Бахусус аҳолии деҳот дар ҷумҳурӣ хусусиятҳои хосси худро дошта, дар доираи таҳқиқоти оморӣ имконияти баррасии паҳлӯҳои сатҳи зиндагӣ имконият дошта, омилҳо ва шароитҳои асосии таъсиррасон ба он муайян ва ошкор мегарданд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ буҷети 3000 хонавода, ки аз онҳо 1150 хонавода (38,3%) дар шаҳр ва 1850 хонавода (61,7%) дар деҳот зиндагӣ мекунанд, таҳқиқ карда мешавад. Миқдори хонаводаҳои таҳқиқшаванда имконият медиҳад, ки дар маҷмӯъ, ба таври муътамад ва пурра оид ба сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат, инчунин, дар сатҳи 5 минтақа иттилоот ба даст оварда шавад.

Таносуб ва сохтори хароҷоти хонавода ба ҳаҷми умумии даромад ва сохтори хароҷоти аҳолӣ дар деҳот хеле зич алоқамандӣ дорад. Тақсимоти ҳаҷми умумии даромадҳои пулӣ аз рӯйи гуруҳҳои 10-фоиза, мутаносибан, ба 10 гурӯҳи баробар батартиби афзоишёбии ин даромадҳо барои аҳолии шаҳр ва деҳот ҳисоб карда мешавад. Дар ин асос нишондиҳандаи коэффитсиенти детсил муайян карда мешавад, ки мазмуни омориаш таносуби сатҳи даромади гурӯҳҳои 10 фоизаи аз ҳама бештар даромадгиранда ва гурӯҳӣ аз ҳама камтар гирандаи даромадро ифода менамояд. Ба андешаи муаллиф ҳамчунин, дар шакли диаграмма ин тафовут дар байни аҳолии шаҳр ва деҳот назаррас буда, ҳиссаи гирандагони даромад ва шумораи ин даромадҳоро дар ҳар як гурӯҳи алоҳида ифода менамоем.




**Диаграммаи 3.** Гурӯҳбандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳои пулӣ.
**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Ба воситаи гистограммаи тақсимотӣ гурӯҳбандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромади пулиаш, ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолии шаҳр ва деҳот дар соли 2018 оварда шудааст, ки тақсимоти аҳолиро вобаста ба ҳолати даромадгириашон дар гурӯҳҳои гуногуни 10 фоизаи камтаъмин ва 10 фоизаи бисёртаъмин ифода намудааст. Ҳамчунин, аз рӯи ин нақша сатҳи даромадгирии аҳолии шаҳр ва деҳот дар гурӯҳҳои алоҳида муайян карда мешавад, ки аз ҳама бештар сатҳи даромад аз 120 сомонӣ то 360 сомонӣ ҳиссаи аҳолии деҳот зиёдтар, лекин дар гурӯҳҳои сатҳи зиёди даромадрогиранда, аз 720 сомонӣ зиёд ҳиссаи аҳолии шаҳр бештар аст.

Дар мавриди омӯзиш ва таҳлили омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот нишондиҳандаҳои зиёде татбиқ мегарданд, ки нахустинашон коэффитсиенти тафриқаи (дифференсиатсияи) даромадҳо ($D_1$)-детсили якум ва ($D_9$)-детсили нуҳум мебошанд. Нишондиҳандаи ($D_1$)-даромади аз ҳамаи бештари 10%-и аҳолии камтарин даромадро гиранда ва нишондиҳандаи ($D_9$)- даромади аз ҳамаи бештари 10%-и аҳолии зиёдтарин даромадрогиранда аст. Ҳисоби ин нишондиҳандаҳоро аз руйи маълумотҳои таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо (2019) дида мебароем.

$$D_1 = 120 + 40\,\frac{10-0}{6{,}4} = 120 + \frac{400}{6{,}4} = 182{,}5$$

Натиҷаи таҳқиқи омории буҷети хонаводаҳои дар деҳот мавҷудбуда муайян намуд, ки 10%-и хонаводаҳо дар деҳот, ки даромади камтаринро мегирифтанд, даромадашон ба 182,5 сомонӣ ба ҳар як нафар узви хонавода баробар аст, лекин 10%-и аҳолии деҳот, ки зиёдтарин даромадро мегирифтанд, сатҳи даромадашон то 719,4 сомонӣ ба як нафар узви хонавода баробар аст. Яъне, детсили нуҳум, чунин муайян карда мешавад.

$$D_9 = 680{,}0 + 40\,\frac{90{,}28}{1{,}4} = 719{,}4$$

Тафовути сатҳи камтарин ва зиёдтарин даромадгирии аҳолии деҳотро бо воситаи нишондиҳандаи коэффитсиенти детсил ($K_D$) муайян мекунанд. Яъне, таносуби камтарин ва зиёдтарин сатҳи даромади аҳолии деҳот чунин аст:

$$K_D = \frac{719{,}4}{182{,}5} = 3{,}9$$

Аз ин ҷо бар меояд, ки сатҳи даромаднокии 10%-и хонаводаҳои бештар таъмин будаи деҳот дар соли 2019, нисбат ба 10%-и хонаводаҳои камтаъмин, 3,9 маротиба зиёдтар будааст, ки маънои тафриқаи сатҳи даромадгириро дар байни табақаҳои гуногун ифода мекунанд. Чунончӣ, агар барои тамоми аҳолии кишвар ин тафриқаро бинем, он ҳамагӣ 3,2 маротиба мебошад, лекин дар сатҳи аҳолии деҳот, ин фарқият бештар назаррас аст. Ҳамзамон, барои таҳлили дақиқи ҳолати даромаднокӣ, ки воситаи асосии таъмини сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мебошад, нишондиҳандаҳои квартили якум ($Q_1$) ва квартили чорум ($Q_4$), ки гурӯҳҳои 25%-и хонаводаҳоро аз рӯи сатҳи даромаднокиашон фарогир аст, ҳисоб карда мешавад. Ҳисоби ин нишондиҳандаҳоро барои аҳолии деҳот аз рӯи маълумотҳои таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо барои соли 2019 чунин аст:

$$Q_1 = 160 + 40\,\frac{0{,}25 * 100 - 14{,}2}{11{,}1} = 198{,}9; \quad Q_2 = 280 + 40\,\frac{0{,}5 * 100 - 46{,}9}{8{,}9} = 293{,}9;$$

$$Q_3 = 440 + 40\,\frac{0{,}75 * 100 - 74{,}3}{3{,}6} = 447{,}8; \quad Q_4 = 800 + 40\,\frac{1{,}0 * 100 - 92{,}18}{7{,}9} = 839{,}6.$$

Натиҷаи таҳқиқ ошкор намуд, ки тамоюли мунтазам зиёд гардидани ҳиссаи аҳолии даромади бештардошта, ба назар мерасад, ки ин ҳолат ба сатҳи камбизоатӣ ва қашшоқӣ бе таъсир намемонад. Агар соли 2015 шумораи камбизоатон дар кишвар 31,5 фоиз ва қашшоқон 15,8 фоизро ташкил медод, ҳоло дар ин рақам дигаргунӣ ба миён омад. Тибқи талаботу меъёрҳои қабулгардида, агар як хонавода 2 доллару 15 сент, ки мутаносибан, бо қурби амалкунанда дар айни ҳол ба 20 сомонӣ баробар аст, даромад надошта бошад, аллакай ӯ камбизоат аст. Ин нишондиҳанда барои хонаводаҳои камбизоаттарин (қашшоқ) ба 1 доллару 8 сент ва ё тақрибан 10 сомонӣ баробар аст. Ҳамзамон, тибқи Стратегияи миллии рушд то соли 2030 сатҳи оилаҳои камбизоат то 15 фоиз бояд кам шаванд ва оилаҳои камбизоаттарин, умуман, бояд аз байн равад. Барои ба ин ҳадаф ноил шудан, зиёд гардонидани сатҳи даромаднокии аҳолиро дар деҳот бояд таъмин намуд. Бинобар ин, дар таҳқиқи илмии ин масъала нишондиҳандаҳои гуногун, ба монанди коэффитсиенти Ҷинӣ ва каҷхаттаи Лоренс воситаи асосии омӯзиш ба ҳисоб меравaнд. Дар асоси маълумотҳои натиҷаи таҳқиқоти буҷаи хонаводаҳои деҳот (2019), коэффитсиенти Ҷинӣ ва Лоренсро ҳисоб менамоем, ки чунин қимат доранд:

$$G=1-2\sum WiCumYi+\sum WiYi=1-2*0,376+0,025=0,273:$$

$$L=\sum[Yi-Wi]/2=0,463/2=0,232.$$

Аз натиҷаи таҳқиқи омории сатҳи даромадҳои аҳолии деҳот, ба хулоса омадан мумкин аст, ки тафриқаи зиёде дар сатҳи даромадҳо дида намешавад ва шакли нақшавии тафриқаи даромадҳоро дар байни табақаҳои гуногуни аҳолии деҳот, ба воситаи каҷхаттаи Лоренс ифода намудан мумкин аст. Тафриқа аз тақсимоти баробарандоза дар масофаи начандон дур ҷойгир шуда, коэффитсиенти Ҷинӣ ба 0,23 баробар буда, фарқнокии зиёде дар сатҳи даромаднокии аҳолии деҳот дида намешавад. Ба ақидаи муаллиф, диаграммаи дифференсиатсияи каҷхатаи Лоренс чунин мебошад:




**Диаграммаи 4.** Каҷхаттаи Лоренс.

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф, дар асоси маълумотҳои нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, таҳия карда шудааст, Душанбе 2019.

Истифодабарии коэффитсиенти Ҷинӣ ва каҷхаттаи Лоренс барои аҳолии деҳот дар шакли графикии тасвири маълумотҳо бори дигар исбот намуд, ки, воқеан, тафриқаи зиёде дар сатҳи даромадҳои аҳолии деҳот дида намешавад ва

ин каҷхатта аз тақсимоти баробарандоза дар масофаи чандон дур ҷойгир нашудааст.

Ҳолати тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии аҳолии деҳотро дар минтақаҳои алоҳида, бо назардошти тағйир ёфтани сохтори синнусолии аҳолӣ ва нишондиҳандаи сарбории демографӣ, метавон дар асоси маъумотҳои ҷадвали 4. хулоса баровард.

**Ҷадвали 4.- Нишондиҳандаҳои асосии аҳолии деҳот дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, то давраи 1-уми январи соли 2018 (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | ВМКБ | | вилояти Суғд | | вилояти Хатлон | | НТМ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | бо % | Ҳамагӣ | бо % | ҳамагӣ | бо% | ҳамагӣ | бо% | ҳамагӣ | бо% |
| Аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар | 2338,6 | 35,5 | 56,9 | 29,4 | 660,8 | 33,7 | 980,5 | 37,3 | 640,3 | 35,5 |
| Аҳолии қобили меҳнат | 3896,1 | 59,1 | 121,1 | 62,6 | 1182,4 | 60,3 | 1521,2 | 57,8 | 1071,3 | 59,4 |
| Аҳолии аз қобили меҳнат калонтар | 353,5 | 5,4 | 15,6 | 8,0 | 118,6 | 6,0 | 127,9 | 4,9 | 91,4 | 5,1 |
| Ҳамагӣ | 6588,2 | 100 | 193,6 | 100 | 1961,8 | 100 | 2629,6 | 100 | 1803,0 | 100 |
| Коэффитсиенти сарбории демографӣ (%0) | 690,9 | | 598,7 | | 659,2 | | 728,6 | | 683,0 | |

**Сарчашма:** Дар асоси маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, 2019.– С. 25.

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 4. чунин хулоса намудан мумкин аст, ки таносуби аҳолии деҳот дар гуруҳҳои алоҳидаи синну солӣ мувофиқ буда, ҳиссаи аҳолии синни қобили меҳнат, дар шумораи умумии аҳолӣ 59,1 фоизро дар сатҳи ҷумҳури ташкил додааст, лекин ин нишондиҳанда дар минтақаҳо гуногун мебошад. Ҳиссаи аз ҳама бештари аҳолии синни қобили меҳнат дар ВМКБ ба 62,6 фоиз баробар аст, ки аз нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳурӣ 3,5 б.ф. зиёд мебошад. Ҳиссаи аз ҳама камтарини аҳолии синни қобили меҳнат дар вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудааст, ки ба 57,8 фоиз баробар буда, аз нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳурӣ 1,3 б.ф. камтар мебошад. Ҳамчунин, ҳиссаи аз ҳама зиёди аҳолии аз синни қобили меҳнат калон дар ВМКБ буда, 8 фоизро дар бар гирифтааст, ки аз нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳурӣ 2,6 б.ф. зиёд мебошад. Тамоюли баръакси афзоиши ҳиссаи аҳолии аз синни қобили меҳнат ҷавон дар вилояти Хатлон ба назар мерасад, ки сатҳи он аз нишондиҳандаи барои ҷумҳурӣ қабулгардида 1,8 б.ф. зиёдтар мебошад. Дар ВМКБ ҳиссаи ин гурӯҳ ба 29,4 фоиз баробар буда, он аз сатҳи ҷумҳуриявӣ 6,1 б.ф. камтар аст. Нишондиҳандаи дигари муҳим, ки ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот вобастагии калон дорад, коэффитсиенти сарбории демографӣ буда, дар сатҳи ҷумҳурӣ, бузургии ин нишондиҳанда ба 690,9 %0 баробар аст. Нишондиҳандаи аз ҳама хурдтарини сарбории демографӣ дар ВМКБ 588,7 %0 ва нишондиҳандаи аз ҳама зиёд дар вилояти Хатлон, ки ба 728,6 %0 баробар аст. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки мушкилии бештар дар масъалаи таъмини сатҳи зиндагӣ вобаста ба қобилияти корӣ ва ҷалби аҳолии қобили меҳнат дар вилояти Хатлон буда, 1000-нафар аҳолии қобили меҳнат 728 нафар аҳолии ғайри синни қобили меҳнатро бояд таъмин кунад. Дар ВМКБ ин рақам 598 нафарро ташкил медиҳад.

Агарчӣ 73 фоизи аҳолии мамлакат дар деҳот истиқомат менамояд, лекин ҳамагӣ 34,4 фоизи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар деҳот буда, аксарияти кӯдакон аз таълим дар ин муассисаҳо маҳрум мебошанд. Гарчанде ҳиссаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тамоюли афзоишёбӣ дорад, лекин шумораи кӯдакони ба таълиму тарбия фарогирифташуда дар ин муассисаҳо соли 2018 дар муқоиса бо соли 2012 ҳамагӣ 30 фоиз зиёд гардидааст у халос. Тасдиқи ин гуфтаҳо, маълумотҳои омори расмӣ мебошад, ки дар ҷадвали 5. дарҷ гардидаанд.

**Ҷадвали 5.- Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва шумораи кӯдакон дар онҳо**

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Тағийрёбӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Адади муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ | 508 | 527 | 550 | 578 | 602 | 615 | 636 | 1,3 мар. |
| Аз он ҷумла: дар деҳот | 131 | 145 | 152 | 195 | 201 | 212 | 219 | 1,7 мар. |
| Ҳиссаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар деҳот (%) | 25,8 | 27,5 | 27,6 | 33,7 | 33,4 | 34,5 | 34,4 | 1,3 мар. |
| Шумораи кӯдакон дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (ҳаз. наф.) | 74,4 | 80,4 | 85,8 | 92,0 | 91,1 | 93,1 | 96,6 | 1,3 мар. |
| аз ҷумла: дар деҳот (ҳаз. наф.) | 11,5 | 14,3 | 15,3 | 18,3 | 19,3 | 19,7 | 21,2 | 1,8 мар. |
| Ҳиссаи шумораи кӯдакони деҳот дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (%) | 15,4 | 17,8 | 17,8 | 19,9 | 21,2 | 21,1 | 21,9 | 1,4 мар. |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф, аз рӯи маълумотҳои омори солонаи ҶТ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019.саҳ.43.

Агар соли 2012 15,4 фоизи кӯдакон дар деҳот ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шуда бошанд, пас соли 2018 ҳиссаи онҳо то 21,9 фоиз зиёд гардидааст, ки 6,5 б.ф. тамоюли афзоишашон мебошад. Шумораи ин муассисаҳо 219 ададро ташкил намуда, дар муқоиса бо соли 2012 1,7 маротиба зиёд гардидаанд, ки афзоиши шумораи кӯдакон дар ин давра дар деҳот 9700 нафарро ташкил карда, шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҳамагӣ 88 – адад зиёд шудаанд. Агар ин афзоишро ҳамчун мутаносибият қабул намоем, пас дар ҳар як муассисаи таҳсилоти томактабӣ, бояд 110 кӯдак фаро гирифта шавад.

Бо назардошти он, ки ҳиссаи бештари аҳолии деҳот ба соҳаи кишоварзӣ машғул аст, масъалаи ташкили ҷойҳои корӣ дар деҳот ва ба кор таъмин намудани онҳо дар сари вақт бояд ҳалли худро ёбад. Бинобар ин, дурнамои тағийрёбии аҳолии шуғлдошта дар соҳаи кишоварзӣ аҳамияти бештареро касб менамояд.

Барои таҳқиқи илмии масъалаи мазкур, баъзе маълумотҳоро доир ба муҳоҷирати аҳолии деҳот оварда, ҳолати воқии ин равандро таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 6.- Ҷамъбасти умумии муҳоҷирати аҳолии деҳот барои солҳои 2012 – 2018 (ҳаз.наф.)**

| Нишондиҳанда | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Соли 2018 нисбат ба соли 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи кӯчида омадагон | 19,6 | 19,6 | 23,1 | 18,4 | 19,4 | 22,2 | 25,2 | 1,3 мар. |
| Аз рӯи муоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ | 18,9 | 19,4 | 22,7 | 18,4 | 19,2 | 22,0 | 24,9 | 1,3 мар. |
| Аз рӯи муҳоҷирати байнидавлатӣ | 0,7 | 0,2 | 0,4 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 42,8 % |
| Шумораи кӯчида рафтагон | 23,4 | 24,8 | 28,3 | 14,0 | 22,3 | 26,3 | 26,7 | 1,1 мар. |
| Аз рӯи муҳоҷирати дохиличумҳуриявӣ | 21,3 | 23,0 | 26,6 | 13,5 | 21,6 | 25,1 | 25,3 | 1,2 мар. |
| Аз рӯи муҳоҷирати байнидавлатӣ | 2,1 | 1,8 | 1,7 | 0,5 | 0,7 | 1,2 | 1,4 | 66,7 % |
| Шумораи аҳолии кӯчидаомада(+) кӯчидарафта(-) | -3,9 | -5,2 | -5,2 | 4,4 | -2,9 | -4,1 | -1,5 | 38,5% |
| Аз рӯи муҳоҷирати дохиличумҳуриявӣ | -2,5 | -3,7 | -3,8 | 4,8 | -2,4 | -3,1 | -0,4 | 16 % |
| Аз рӯи муҳоҷирати байнидавлатӣ | -1,4 | -1,5 | -1,4 | -0,4 | -0,5 | -1,0 | -1,1 | 78,6% |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2019.–С. 36 ҳисоб карда шудааст.

Ҷамъбасти умумии муҳоҷирати аҳолӣ муайян намуд, ки дар раванди муҳоҷирати аҳолии деҳот, солҳои охир тағйиротҳои назаррас ба вуҷуд наомадааст. Агар шумораи кӯчида омадагон дар ин давра 1,3 маротиба зиёд гардида бошад, пас шумораи кӯчида рафтагон, ҳамагӣ 1,1 маротиба афзӯдааст, ки дар тавозуни шумораи аҳолӣ тағйироти зиёде ба назар намерасад. Дар ин сурат бақия ва ё тафовути муҳоҷират ҳамоно манфӣ боқӣ монда, соли охир ин фарқнокӣ нисбатан кам гардидааст. Аз ҷадвали 6 бармеояд, ки дар давраи солҳои 2012–2018 шумораи кӯчида омадагон ба деҳот 5,6 ҳазор нафар, ё 20 % зиёд гардида бошанд, лекин дар ин давра шумораи аҳолии кӯчидарафта 3,3 ҳазор нафар ва ё ҳамагӣ 10% афзун шудааст. Ҳиссаи бештари кӯчида омадагон ва кӯчида рафтагонро аз рӯи муҳоҷирати дохиличумҳуриявӣ таҳлил кунем, аз рӯи он ҳиссаи муҳоҷирати байнидавлатӣ хеле кам аст. Фарқнокии аз ҳама зиёди манфии муҳоҷират ба солҳои 2013-2014 рост омада, аз ҳисоби раванди муҳоҷират шумораи аҳолии деҳот 5200 нафар кам гардидааст, ки ҳамагӣ ба 0,06 фоизи шумораи умумии аҳолии деҳот, дар ҳамон давра баробар аст.

Татбиқи моделҳои оморию-риёзӣ имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои пешниҳодгардида ба воситаи усулҳои махсуси оморӣ санҷида шаванд ва натиҷаҳои бадастовардашуда, шарҳ дода шаванд. Ба модел нишондиҳандаҳои зиёдеро дохил намуданд, бинобар ин, барои таҳлил модели «Регрессияи бисёромила» истифода бурда мешавад.

Усули таҳлили регрессионӣ, ҳангоми пешгӯии динамикӣ, бисёр нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ истифода бурда мешавад. Истифодаи ин усул, ҳангоми таъмини шартҳои зерин имконпазир аст:

- давраи базавӣ, ки дар асоси он пешгӯӣ коркард мешавад, бояд ба давраиояндаи рушди талабот хос бошад;
- байни бузургиҳои бо ҳам алоқаманд, бояд вобастагии зич ва доимӣ мавҷуд бошад;
- алоқамандии гузашта ва оянда бо дохилкунӣ дар муодилаи регрессия бо бузургиҳои иловагии тағйирёбанда (масалан, омили вақт) амалӣ гардонида мешавад.

Дар муодилаи регрессия, вобаста ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои омилӣ нишондиҳандаи натиҷавиро пешгӯӣ карда метавонем, бинобар ин натиҷаҳои таҳқиқоти буҷети хонаводаҳоро истифода бурда, ҷадвали 7-ро месозем.

**Ҷадвали 7.- Шаклҳои асосии даромади аҳолӣ дар деҳот**

| **Солҳо** | **Ҷамъи даромади ҳар як нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна, сомонӣ, у** | **Даромадҳои меҳнатӣ, сомонӣ,** $x_1$ | **Даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, сомонӣ,** $x_2$ | **Дигар даромадҳои аҳолӣ, сомонӣ,** $x_3$ |
|---|---|---|---|---|
| **2006** | 75,86 | 32,91 | 19,55 | 23,34 |
| **2007** | 100,74 | 42,48 | 22,17 | 36,09 |
| **2008** | 153,16 | 65,20 | 33,41 | 54,55 |
| **2009** | 155,72 | 69,67 | 27,75 | 58,3 |
| **2010** | 190,18 | 77,49 | 43,22 | 69,47 |
